«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав д.и.б., профессор
__________ Давлатзода С.Х.
«_12_» ____05____ 2023

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Камолов Шодмонҷон Валихонович дар мавзуи «Фалсафаи иттилоот ва ҷаҳонбинии муосири илмӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа (6D020106 – Фалсафаи иҷтимоӣ). – Кӯлоб, 2023. – 197 с.**

1. **Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Камолов Ш.В. ба шиносномаи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа (6D020106 – Фалсафаи иҷтимоӣ), ки он дар шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд.

2. **Мубрам будани мавзуи диссертатсия.**

Омӯзиш ва таҳлили фалсафии иттилоот, ки имрӯз ба мафҳуми калидии манзараи муосири илмии олам табдил ёфтааст аҳамиятнок гардида, таҳқиқи равишҳои иттилоотӣ дар шаклҳои гуногуни зуҳуроташон дар ҳамаи соҳаҳои ҷомеа хеле мубрам мебошад. Дар шароити ҷомеаи иттилоотии рушдёбанда, фазои иттилоотии иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва ахлоқии ҷомеаи муосир омӯзиш ва таҳқиқи таъсири рушди босуръати иттилооткунонӣ, автоматикунонӣ, компютерикунонӣ, прогресси илмӣ-техникӣ ба таҳаввулоти ояндаи инсон яке аз масъалаҳои доманадори фалсафа ва илми муосир мебошад. Мубрамии мавзуи таҳқиқшавандаро муаллиф асоснок намуда, қайд менамояд, ки имрӯз иттилоот ба ғизои серталаби иҷтимоӣ табдил ёфтааст. Ҳамзамон бо рушди технологияҳои иттилоотӣ худи фаъолият, тарзи тафаккур, характери инсон ва хусусиятҳои равонии ӯ низ тағйир меёбанд (саҳ. 5). Зимни баррасии саволҳои «Оё муҳити тағйирёфтаи инсон бо таҳаввулоти биологиву иҷтимоии ӯ таъсир мерасонад ё не? Рушди босуръати техника ва технология, прогресси илмӣ-техникии имрӯза инсониятро дар оянда ба куҷо мебарад? Мо ҳамчун «ҳомо сапиенс» ба кадом самти инкишоф ва таҳаввулот равонем ва зинаи нави

таҳаввулоти мо чӣ гуна аст? Дар ояндаи дуру наздик таҳаввулоти моро чӣ интизор аст? Ё худ дар натиҷаи прогресси илмӣ-техникӣ инсон моҳияти биологии худро дар оянда нигоҳ дошта метавонад ё не» ва ғайра, омӯзиши масъалаи таъсири афзоиши омили иттилоотӣ ба таҳаввулотиояндаи инсон, таносуби иттилооту дониш, иттилоот ҳамчун ҷузъи ҷаҳонбинии муосири илмӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ самти махсуси мубрамии таҳқиқотро муайян намудааст.

3. **Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Чуноне ки аз мундариҷаи диссертатсия бармеояд, диссертант таҳлили ҳамаҷонибаи тавсифҳои илмӣ ва методологии мафҳуми иттилоотро дар доираи ҷанбаҳои гуногуни воқеияти иттилоотӣ, таъсири омили афзоиши иттилоотиро ба таҳаввулотиояндаи инсон ва ташаккули ҷаҳонбинии нави иттилоотиро ба сифати мақсади асосии таҳқиқот интихоб намудааст.

Диссертант ҷиҳати ноил шудан ба мақсади гузошташуда иҷрои як қатор вазифаҳои ҷиддии зерини таҳқиқотиро кӯшиш намудааст ба анҷом расонад. Аз ҷумла, таҳлили генезиси таърихӣ-фалсафии мафҳуми иттилоот, шарҳи мафҳуми иттилоот дар доираи консепсияҳо ва назарияҳои илмӣ, омӯзиши масъалаи гурӯҳбандӣ ва банизомдарории равишҳои асосӣ дар тавсифи чунин падидаи бисёрмаъно, яъне иттилоот, муайян намудани таносуби дониш ва иттилоот, таъсири воқеияти иттилоотӣ ба таҳаввулотиояндаи инсон, таҳлили хусусиятҳои асосии ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ, баҳодиҳии нақши ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ дар ташаккули маърифат ва ҷаҳонбинии ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Бояд гуфт, ки навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки бори аввал дар илм ва фалсафаи ватанӣ масъалаи генезиси таърихи-фалсафии мафҳуми иттилоот, таносуби иттилоот ва дониш, таъсири омили афзоиши иттилоотӣ ба таҳаввулотиояндаи инсон ва ташаккули ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ матраҳ гардидааст. Зимнан, масъалаҳои алоҳидаи навгонии таҳқиқотро диссертант ба таври зайл баррасӣ намудааст:

– дар доираи таҳлили генезиси таърихӣ-фалсафӣ муайян карда шудааст, ки мафҳуми иттилоот то солҳои 20-уми асри XX дар фаҳмиши муқаррарӣ истифода гардида, баъдан мазмуни фалсафӣ ва умумиилмиро касб кардааст. Дар ин замина ба қатори мафҳумҳои бунёдии материя, энергия, ҳаракат ворид гардидаст;

– асоснок карда шудааст, ки яке аз масъалаҳои мубрами фалсафӣ-методологӣ дар илми муосир гурӯҳбандӣ ва банизомдарории равишҳои асосӣ дар тавсифи чунин падидаи бисёрмаъно, яъне иттилоот мебошад, инчунин

дар робита бо таносуби мафҳуми иттилоот бо дигар категорияҳои фалсафӣ ва илмӣ таҳлили фалсафӣ-методологӣ амалӣ гардонида шудааст;

– дар доираи тамоюлҳои нави илмӣ таъсири рушди босуръати иттилооткунонӣ, автоматикунонӣ, компютерикунонӣ, прогресси илмӣ-техникӣ ба таҳаввулоти ояндаи инсон дар фазои иттилоотии иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва ахлоқии ҷомеаи муосир мавриди баррасӣ қарор дода шудааст;

– оид ба мушкилот ва ташаккули ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ таҳқиқот ба анҷом расонида шудааст. Аз диди ҷаҳонбинӣ, истилоҳи «иттилоот» воқеан мафҳуми бисёристифодашаванда, дорои мазмун ва маънои васеъ мебошад. Айни ҳол, мафҳуми мазкур на танҳо доира ва ҳудуди корбарии худро васеъ намудааст, балки мазмун ва мундариҷаи худро низ аз дидгоҳи ҷаҳонбинӣ дар чунин самтҳои илми муосир – равоншиносии иттилоотӣ, фарҳангшиносии иттилоотӣ, антропологияи иттилоотӣ, этикаи иттилоотӣ, синергетика ва ғайра пурра намудааст;

– дар доираи мазмуни фалсафӣ ва илмӣ-гуманитарӣ масъалаи ташаккули ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун масъалаи мубрами рӯз асоснок карда шудааст. Чунонки таҷрибаи таърихӣ гувоҳӣ медиҳад, ҳар як ҷомеа бо гузашт аз як марҳила ба марҳилаи дигар, ҳамчунин, ҳар як насл нисбат ба наслҳои гузашта ҳаводиси гузашта ва имрӯзаро ба тарзи гуногун дарк ва арзёбӣ менамояд. Аз ҷумла, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки имрӯз дар давраи гузариш ба ҷомеаи иттилоотӣ ва технологӣ қарор дорад, ташаккули ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ мақоми калидиро ишғол менамояд.

Диссертатсияи Камолов Ш.В. аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса ва тавсияҳо, инчунин рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Дар қисмати муқаддимавии рисола диссертант нуктаҳои асосии таҳқиқот, аз қабили аҳамият ва зарурати таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, арзиши назариву амалӣ, мақсаду вазифаҳои пажуҳиш, предмет, объект, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва маълумоти дигари марбут ба меъёрҳои сохтории диссертатсияро тибқи талабот шарҳу тавзеҳ дода, доираи масъалаҳои баҳсталаби мавзуъро мушаххас менамояд ва бо далелҳои эътимодбахш доир ба таҳаввул ва ташаккули мавзуи таҳқиқшаванда огоҳона изҳори назар менамояд.

Боби якуми диссертатсия «Таҳлили фалсафӣ ва умумиилмии мафҳуми иттилоот» ном дошта, диссертант дар се зербоби ин боб бо такя ба манобеи фалсафию иҷтимоӣ ва таҳқиқоти илмии муосир масъалаҳои генезиси таърихӣ-фалсафӣ ва тасаввуроти тоилмӣ оид ба мафҳуми иттилоот, шарҳи

мафҳуми иттилоот дар доираи консепсияҳо ва назарияҳои илмӣ ва тамоюлҳои асосӣ дар таҳқиқ ва тавзеҳи мафҳуми иттилоотро мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

Дар зербоби якуми боби мазкур «Генезиси таърихӣ-фалсафӣ ва тасаввуроти тоилмӣ оид ба мафҳуми иттилоот» диссертант, тавассути таҳлили генези таърихӣ-фалсафӣ оид ба мафҳуми иттилоот ба хулосае омадааст, ки мафҳуми мазкур ниҳоят маъмул буда, ҳатто сигнали ягон дастгоҳ ё бӯйи ягон таъомро низ иттилоот гуфтан мумкин аст (саҳ. 34). Ҳамзамон, қайд менамояд, ки иттилоот барои як қатор мафҳумҳои сода, монанди маълумот, хабар, тавсиф, шарҳ, баён, дастур, ғоя, аломат, қайд, дониш, маъно, сигнал, додаҳо, рамз ва ғайра мафҳуми умумӣ гаштааст. Ҳар яке аз ин мафҳумҳои номбаршуда этимологияи хоси худ ва тафовут аз дигар вожаҳои муродифиро доранд, бо вуҷуди ин як моҳияти умумиеро доро мебошанд, ки онҳоро дар як мафҳум – иттилоот муттаҳид менамояд (саҳ. 35). Дар ин замина, андешаи зерини диссертант қобили дастгирӣ мебошад: «...мафҳумҳои блог, пост (гузориш), медиа ва дигаронро метавон гуфт, ки муродифҳои нави вожаи иттилоот дар солҳои охир гардидаанд» (саҳ. 35).

Дар зербоби дуюми боби мазкур «Шарҳи мафҳуми иттилоот дар доираи консепсияҳо ва назарияҳои илмӣ» унвон дошта, зимни таҳлилу баррасии мафҳуми иттилоот дар доираи консепсияҳо ва назарияҳои илмии олимони соҳа диссертант қайд менамояд, ки новобаста ба тавсифҳои гуногуни иттилоот аз нуқтаи назари илмҳои хусусӣ, ин мафҳум то ҳол таърифи ягонаи умумиқабулро соҳиб нагаштааст. Вале вобаста ба соҳаи донише, ки таҳқиқот гузаронида мешавад, тавсифҳои гуногуни онро нишон додааст (саҳ. 50).

Дар зербоби сеюм «Тамоюлҳои асосӣ дар таҳқиқ ва тавзеҳи мафҳуми иттилоот» доираи гурӯҳбандии тамоюлҳо ва консепсияҳо дар таҳқиқ ва тавзеҳи мафҳуми иттилоот баррасӣ гардида, диссертант қайд менамояд, ки иттилоот ҳамчун категорияи фалсафӣ ба қатори чунин мафҳумҳои бунёдӣ монанди фазо, вақт, материя ва ҳаракат ворид мегардад (саҳ. 58). Зимни таҳлилу баррасии тамоюлҳо ва консепсияҳои субстансионалӣ, атрибутивӣ ва функисоналӣ, хулосаҳои зерин воқеъбинона арзёбӣ мегарданд: «...иттилоот хосияти умумии олам бояд дар ҳама дараҷаҳои он (микро, макро, мега) ва ҳама намуди низомҳо (зинда, ғайризинда, иҷтимоӣ, кибернетикӣ), дар фазо ва вақт ва ҳам берун аз онҳо дорои хосиятҳои беохирӣ, абадият, доимият, ҳамаҷоӣ мебошад. Бо дарназардошти ин иттилоот тамоми донишҳоро оид ба олам дошта, ҳамчун субстансияи мутлақ ҳисоб мешавад» (саҳ. 67), «...дар тафовут аз модда ва энергия, иттилоот вазифаи кӯчиши маъно (мафҳум,

консепт, мазмун, дониш, тавсиф, шарҳ, хосият, аломат) ва табодули додаҳоро иҷро менамояд. Тамоми объектҳо миёни худ мубодилаи иттилоотӣ менамоянд. Иттилоот ҳамеша ва дар ҳама ҷо вуҷуд дорад, яъне хусусияти фазо ва вақт дар иттилоот баробар ба беохирист, аз ин хотир онро наметавон ба материя мансуб донист» (саҳ. 67), «...агар микро, макро ва мегаолам беохир бошанд, дар ин сурат иттилоот дар бораи онҳо низ беохир мебошад» хулоса менамояд диссертант (саҳ. 68).

Дар боби дуюми диссертатсия – «Иттилоот ҳамчун омили муҳими ҷаҳонбинии илмӣ» – таҳқиқи тамоюлоти таҳаввулоти инсон дар шароити воқеияти иттилоотӣ, таносуби иттилоот ва дониш ва иттилоот ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи ташаккули ҷаҳонбинии муосири илмӣ ба амал бароварда шудааст, ки аз се зербоб иборат аст.

Диссертант, дар зербоби аввал «Тамоюлоти таҳаввулоти инсон дар шароити воқеияти иттилоотӣ» қайд менамояд, ки «Оё муҳити тағйирёфтаи инсон бо таҳаввулоти биологиву иҷтимоии вай таъсир мерасонад ё не? Рушди босуръати техника ва технология, прогресси илмӣ-техникии имрӯза инсониятро дар оянда ба куҷо мебарад? Мо ҳамчун «ҳомо сапиенс» ба кадом самти инкишоф ва таҳаввулот равонем ва зинаи нави таҳаввулоти мо чӣ гуна аст? Дарояндаи наздику дур таҳаввулоти моро чӣ интизор аст? Ё худ дар натиҷаи прогресси илмӣ-техникӣ инсон моҳияти биологии худро дар оянда нигоҳ дошта метавонад ё не? Ё худ, ҳамасола, ки миллионҳо одамон тавассути амалиёти тиббӣ узвҳои биологии худро ба сунъӣ иваз менамоянд, оё дар чунин ҳолат низоми биологии инсон тағйир намеёбад?» ва ғайраро баррасӣ намуда, дар ин замина, масъалаи бунёди «киборг» ва «киборгикунонӣ», инчунин дар зери таъсири омили афзоиши иттилоотӣ ба таҳаввулоти инсон гузариши инсонро аз намуди «ҳомо сапинес» ба «ҳомо интеллигенс», «ҳомо информатикус» ва «ҳомо электроникус» –ро матраҳ менамояд. Дар ин маврид, хулосаҳои муаллиф аҳамияти баланди илмӣ ва амалӣ доранд: «...Масъалаи пайдоиши намуди нави инсон ва фаъолияти ӯ дурнамои дур аст. Танҳо як чиз маълум аст: то кадом андоза, дар кадом воситаҳои ҳаёт, воситаҳои истеҳсолоти фаъолияти интеллектуалӣ метавонанд ба равандҳои сотсиоантропогенӣ таъсири ғайричашмдошт расонанд. Аз тарафи дигар, электроникунонӣ, компютерикунонӣ, медиатизатсия ва иттилоотикунонии ҷомеа ҳамчун омилҳои бузурги антропогенӣ боқӣ хоҳанд монд. Дар пеши чашми мо тағйирёбии таносубият дар муҳити табиӣ ва сунъии ишғолкарда, вайрон гардидани тавозуни биоэкологӣ, пайдоиши ғализии технологӣ дар як қатор минтақаҳои дунё аллакай ба таҳаввулоти биологӣ таъсир расонида, ба нестшавии баъзе намудҳои биологӣ оварда

расонидааст. Мутаассифона, ин равандҳои номатлуби экологӣ идома ёфта, авҷ гирифта истодаанд... Ин равандҳо бештар дар мамлакатҳои мутараққӣ бошиддат рушд ёфта истодаанд. Аз ин хотир, ба оқибатҳои мусбат ва манфии ин равандҳо тайёрии ҷиддӣ бояд дид» (саҳ. 89).

Зербоби дуюм «Таносуби иттилоот ва дониш» ба баррасии масъалаи таносуби иттилоот ва дониш бахшида шудааст. Диссертант қайд менамояд, ки тантанаи тафаккури технократӣ дар шароити инқилоби компютерӣ, ҷомеаи иттилоотӣ ва ғалабаи Интернет дар сайёра ба он оварда расонид, ки имрӯз бештар дар бораи зеҳни сунъӣ, оид ба иттилоот ба ҷои дониш, оид ба хотира ба ҷои фаҳмиш сухан меравад (саҳ. 91). Дар робита бо ин, масъалаи таносуби «иттилоот» ва «дониш» дар ҷанбаи равандҳои иттилоотӣ-маърифатии дар ҷомеа баамаломада муҳимият ва аҳамияти махсуси назариявӣ ва амалиро касб менамояд. Зимни баррасии масъалаҳои «Оё фаъолияти зеҳнии майнаи инсон ва компютер монананд? Маҳаки чунин монандӣ дар чист? Сохтори фаъолияти интеллектуалии бо низоми таббиӣ ва сунъӣ амалишаванда чӣ гунаанд? Таносуби иттилоот ва дониш чӣ тавр аст? Оё метавон компютерҳоро, умуман, «органҳои фаъолияти интеллектуалӣ» шумурд?» вобаста ба ин диссертант қайд менамояд, ки «...Дониш ба шуур марбут аст, дар ҳоле ки иттилоот ба низомҳои табиии бешуур низ хос мебошад. Дониш хусусияти инфиродӣ дошта, аз ҷониби субъект ба таври лафзӣ пурра баён шуда наметавонад ва аз ӯ тамоман бегона шуда ҳам наметавонад. Инчунин, зеҳни донишофари инсонро аз ҷузъиёти ҳадсӣ, иродавӣ, кайфиятӣ, баҳодиҳӣ ҷудо кардан номумкин аст. Дониши қабулшуда аз раванди фикрӣ ҷудо гашта (дониши бегонашуда) ибтидои эҷодии худро талаф медиҳад, бетаровват гашта, ба иттилоот табдил меёбад» (саҳ. 100).

Дар меҳвари зербоби сеюм «Иттилоот ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи ташаккули ҷаҳонбинии муосири илмӣ диссертант иттилоотро ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи ҷаҳонбинии муосири илмӣ баррасӣ менамояд. Зеро, раванди иттилооткунонии глобалии ҷомеа тарзи муқаррарии зист ва фаъолияти касбии миллионҳо одамонро дар ҳама мамлакатҳо ба куллӣ тағйир медиҳад. Ин тағйирот ниҳоят амиқ ва васеъ мебошад, аз ин рӯ, марҳилаи кунунии рушди тамаддунро аксари муҳаққиқон ҳамчун инқилоби иттилоотӣ ном мебаранд. Бо дарназардошти афзоиши миқдори иттилоот тағйироти васеъ ва куллӣ дар инфосфера низ ба амал омада, тарзи тафаккур, ҷаҳонбинӣ ва биниши инсониятро нисбат ба воқеият дигаргун менамояд. Дар ин замина, муаллифи диссертатсия таъкид менамояд, ки «...Раванди иттилоотикунонӣ ҳамчун сиёсати давлатӣ унвон гирифта, миқёси глобалиро касб намуда, омили тағйирдиҳандаи тарзи зисти ҷомеа ва ташаккулдиҳандаи шуури

ҷамъиятӣ гардида истодааст» (саҳ. 107). «...иттилоот «ҷузъи зарурии умуман маърифати инсонӣ» монанди дониш гардида истодааст. Таҷрибаи рӯзгор ва дониши одамон нисбат ба ҳодисаҳои муҳити атроф дар ҳамбастагӣ бо азхудкунии иттилоот рушд ёфтааст» (саҳ. 108). «...Инсони муосир худро бошандаи на сотсиосфера, балки инфосфера, на муҳити иҷтимоӣ-фарҳангӣ, балки муҳити иттилоотӣ эҳсос менамояд. Манзараи иттилоотии олам дар шуури инсон ҳукмрон гардида, аз ташаккули босуръати ҷомеаи иттилоотӣ, тамаддун ва фарҳанги иттилоотӣ, гувоҳӣ медиҳад» (саҳ. 108). Бояд гуфт, ки дар ин замина, манзараи иттилоотии олам ҳамчун ҷавҳари ҷаҳонбинии нави илмӣ дар мафкураи одамон мақоми марказӣ касб намуда истодааст.

Диссертант Камолов Ш.В. дар боби ниҳоии диссертатсия, ки «Масъалаи ташаккули ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» номгузорӣ шудааст. Дар он таҳқиқи мушкилот ва дурнамои ташаккули ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ ва нақши ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ дар ташаккули маърифат ва ҷаҳонбинии ҷавонони тоҷик ба амал баровардa шудааст. Дар заминаи таҳлили таҳқиқоти муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ муаллифи диссертатсия ба чунин хулоса омадааст: «Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки имрӯз дар давраи гузариш ба ҷомеаи иттилоотӣ ва технологӣ қарор дорад, дар ин раванд барои он ташаккули ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ мақоми калидиро ишғол менамояд» (саҳ. 128). Дар ин замина, қайд мегардад, ки иттилооти тавассути гузоришҳои омоданамудаи касбӣ неруи баланди таъсиррасонии эмотсионалӣ ва зеҳниро доро мебошад. Бо дарназардошти дастрасии умум ба иттилоот тавассути телевизион, радио, Интернет ва дигар навъҳои ВАО таъсиррасонӣ ба шуур ва ҷаҳонбинии омма, назарфиребӣ ва заҳролудгардонии тафаккури ҷомеа дида мешавад. Вобаста ба он ки инсон бо иттилоот чи гуна сару кор мегирад, на танҳо ояндаи худ, балки ояндаи давлату миллатро муайян хоҳад кард (саҳ. 139). Воқеияти иттилоотии имрӯза нишон медиҳад, ки ҳеҷ як инсон, аз ҷумла шахси ҷавон аз таъсири пуршиддати омили иттилоотӣ дар канор буда наметавонад. Сабаб дар он аст, ки иттилоот бо роҳҳои гуногун, аз ҷумла тариқи маводи чопӣ, радио, телевизион, телефон, компютер, Интернет ва амсоли инҳо ба шуур ва тафаккури онҳо ворид мегардад. Аз як тараф, таъсири омили мазкур истеъдодҳои технологӣ ва зеҳнии ҷавононро пурзӯр менамояд. Аз тарафи дигар, баъзе аз ҷавонони сустиродаву ноогоҳи мо ҳангоми ворид шудан ба фазои иттилоотӣ ба доми гурӯҳҳои иртиҷоӣ ва ифротӣ афтида, ба миллату Ватан хиёнат менамоянд. Вобаста ба ин ҳолат, диссертант қайд менамояд, ки ташаккули ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ дар ҷавонони имрӯзаи мо ҳамчун

масъалаи мубрам дар фалсафа, илм, сиёсат ва фарҳанги ватанӣ мақоми калидӣ касб намудааст.

Автореферати диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои ба чоп расонидаи Камолов Шодмонҷон Валихонович муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, аз лаёқати баланди илмии довталаби дараҷаи илмӣ гувоҳӣ медиҳанд.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳо дар диссертатсия.**

Дараҷаи омӯзиши мавзуъ мувофиқ ба меъёрҳои илмӣ таҳия гардида, таҳқиқталаб будани он нишон дода шудааст. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллифи рисола бештар ба муқаррарот ва хулосаҳои назариётчиёни илмҳои фалсафӣ, муҳаққиқони хориҷӣ ва ватанӣ, ки бевосита ба мавзуи таҳқиқотӣ, ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ ва равандҳои гуногуни муосири иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ рӯ овардаанд, такя намудааст. Манбаъ ва заминаи таҳқиқотро асарҳо, корҳои илмии олимон дар шакли монографияҳо, мақолаҳои илмӣ, инчунин махзанҳои электронии интернетӣ ташкил медиҳад.

Эътимоднокии натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионии гузаронидашударо асоснокии методологии муқаррароти ибтидои назариявӣ, мувофиқати усулҳои таҳқиқот ба ҳадафҳо ва вазифаҳои он, инчунин, истифодаи усулҳои диалектикӣ, объективӣ, таърихӣ, мантиқӣ ва муқоисавӣ таъмин намудааст.

**5. Аҳамияти илмию амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Аҳамияти илмӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки муқаррарот ва хулосаҳои назариявӣ, натиҷаҳои дастрасшуда дар коркарди асосҳои фалсафӣ ва методологии консепсияҳои иттилоотӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ саҳми хешро мегузоранд. Рисолаи таҳқиқотии пешниҳодшуда барои бунёди тасаввуроти амиқ дар бораи воқеияти иттилоотӣ, мушкилот, равияҳо ва зиддиятҳои гуногуни ҷойдошта дар ин ҷода мусоидат менамояд. Натиҷаҳои бадастомадаи кори илмӣ-таҳқиқотӣ метавонанд дар рушди минбаъдаи коркардҳо, инчунин, дар муайян намудани равишҳои фанҳои нави фалсафаи иттилоот ва информология истифода карда шаванд. Маводи таҳқиқотии дастрасшуда метавонад шаҳрвандони Тоҷикистон, аз ҷумла, ҷавононро аз таъсири ахбору иттилооти манфӣ ҳифз кунад. Инчунин, аҳамияти илмӣ-амалии рисолаи таҳқиқотӣ дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои таҳқиқотро метавон ҳангоми таълими фанҳои фалсафа, фалсафаи табиатшиносӣ, фалсафаи илм, фарҳангшиносӣ, антропология ва ғайра истифода кард.

Дар асоси таҳлил ва хулосаҳои баровардашуда, муаллиф тавсияҳои ҷолиби диккатро пешниҳод намудааст. Аз ҷумла, оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд: дар коркарди минбаъдаи масъалаҳои фалсафӣ ба асосҳои фалсафӣ, методологӣ, гносеологӣ, илмӣ-табиӣ ва гуманитарии падидаи иттилоот, ки мақоми калидиро дар манзараи муосири илмии олам ишғол менамояд, аҳамияти ҷиддӣ дода шавад; ҷиҳати ташаккули ҷаҳонбинии нави илмӣ ва иттилоотӣ барои ҷавонон ва сокинони ҷомеаи имрӯза чораҳои амалӣ андешида шавад; барои бунёди тасаввуроти амиқ дар бораи воқеияти иттилоотӣ, мушкилот, равияҳо ва зиддиятҳои гуногуни ҷойдошта дар ин ҷода таълими курси махсус аз фанҳои нави фалсафаи иттилоот ва информология дар муассиссаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба роҳ монда шавад; натиҷаҳои илмии соҳаи нави фалсафаи иттилот ва информология ҳангоми таълими фанҳои фалсафа, фалсафаи илм, метод ва методологияи илмӣ-таҳқиқотӣ, фалсафаи табиатшиносӣ, антропология ва омода сохтани лексияҳо, курсҳои махсус ва семинарҳо оид ба мавзуъҳо ва фанҳои дахлдор истифода бурда шаванд; барои ҳифзи шаҳрвандони ҷумҳурӣ, аз ҷумла, ҷавонон аз таъсири иттилооти манфӣ ва иғвоангез бояд дар онҳо ҷаҳонбинии иттилоотӣ ва интиқодӣ ташаккул дода шавад; шаҳрвандон, аз ҷумла, ҷавононро мебояд пеш аз ворид гардидан ба фазои иттилоотӣ, аз ҷумла ҳангоми ҳузур дар Интернет, барои аз таъсири иттилооти носаҳеҳ эмин будан ба манбаъ, мазмун, эътимоднокӣ ва арзишмандии иттилоот диққати махсус диҳанд; барои ташкили фазои мусоиди иттилоотӣ ва аз таъсири омилҳои номатлуби иттилоотӣ эмин будан, зарур аст дараҷаи саводнокии истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва шабаки Интернетӣ дар сокинони кишвар боло бурда шавад.

6. **Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 15 мақолаи илмии муаллиф, аз ҷумла 6-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра мувофиқат менамоянд.

7. **Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30- юми июни соли

2021 тахти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Муаллиф тавонистааст, ки диссертатсияи худро тариқи сохтори дуруст таҳия карда, объект ва предмети таҳкикро дар алоқамандӣ бо мавзуъ, вазифаҳои таҳкикот дар ҳамбастагӣ бо ҳадаф ва ҷанбаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба баёни навгониҳои илмӣ муайян намуда, тавассути методологияи илмӣ-фалсафӣ онро таҳлилу баррасӣ ва натиҷагирӣ намояд. Равиши пайдарҳамии мантиқии фикр дар ҳама қисматҳои диссертатсия мушоҳида шуда, андешаҳои муаллиф асосноку илмӣ мебошанд. Бо назардошти ҳамин хусусият, диссертатсияро кори илмии анҷомёфта ва дорои мазмуну муҳтавои илмӣ ҳисобидан мумкин аст.

8. **Эродҳо ва хатогиҳо доир ба натиҷагирии диссертатсия**

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсияи Камолов Ш.В. баъзе Камбудиҳо низ ба чашм мерасанд, ки баррасии онҳо барои такмили корҳои имлӣ-таҳқиқотии диссертант мусоидат менамоянд:

1. Дар қисмати дараҷаи омӯзиш ва таҳқиқи мавзуъ қайд мегардад, ки дар самти мазкур таҳқиқоти олимони тоҷик Р.Н. Назаров, А.С. Садуллоев, З.Ш. Сайидзода, Н.Н. Салихов ва дигарон бахшида шудаанд. Аммо, дар матни диссертатсия андешаи онҳо доир ба мавзуи таҳқикшаванда норавшан боқӣ мондааст.

2. Диссертант пешрафти тасаввуротро нисбати иттилоот дар ду самт – илми компютерӣ (computer science) ва илм дар бораи иттилоот (information science) дар анъанаҳои Ғарб муайян намуда, дар илми ватанӣ ҳардуи ин равияро ҳамчун информатика арзёбӣ намудааст. Аммо зарурати таҳқиқ ва рушди ин равияҳоро дар алоҳидагӣ барои шароити Тоҷикистон нишон надодааст.

3. Дар кори диссертатсионӣ баъзан мафҳумҳое дида мешаванд, ки мазмун ва моҳияти онҳо дар поварақ нишон дода шуадаанд, аммо баъзан мафҳумҳои дигар шарҳталаб мебошанд. Аз қабили «метаиттилоот», «коиниттилоот», «ҳаракати иттилоот», «паттерни иттилоот», «қатори иттилоотӣ», «информатив» ва ғайра.

4. Дар матни диссертатсия хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Эродҳои баёнгардида хусусияти бунёдӣ надошта, арзиши илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд. Диссертатсия таҳқиқоти илмии мустақилона анҷомёфта буда, навгониҳои илмӣ ва амалиро дар худ таҷассум менамояд.

9. **Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба сазовор донистани довталаб ба дараҷаи илмии дахлдор.**

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Камолов Шодмонҷон Валихонович дар мавзуи «Фалсафаи иттилоот ва ҷаҳонбинии муосири илмӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа (6D020106 – Фалсафаи иҷтимоӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи пешниҳоднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурри Тоҷикистон ба талаботи бандҳои 31-33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа (6D020106 – Фалсафаи иҷтимоӣ) мебошад.

Тақриз дар маҷлиси васеи кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав «10» майи соли 2023, суратмаҷлиси №10 муҳокима ва тасдиқ гардидааст. Дар маҷлиси кафедра 15 нафар иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 15 нафар, «муқобил» - нест, «бетараф» - нест.

Тақриз аз ҷониби доктори илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Пиров Аламшо Каримович омода карда шудааст.

Омодакунандаи тақриз:
д.и.ф., дотсенти кафедраи фалсафаи
ДДБ ба номи Носири Хусрав — Пиров А.К.

Раисикунанда: мудири кафедраи
фалсафаи ДДБ ба номи Н.Хусрав
н.и.ф., и.в. дотсент — Субҳонзода С.И.

Имзои Пиров А.К. ва Субҳонзода С.И.-ро
тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДБ ба номи Н. Хусрав — Шукурзода Ҷ.А